«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷило Бурӣ___________
«_26_» ____апр.________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович таҳти унвони **«Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертитсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович таҳти унвони «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода рӯзи 29.12. 2016, таҳти қарори № 5/4-2 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 31.12.2020, №5 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Илова бар ин, бинобар сабаби тағйирот ворид шудан дар низоми дарёфти тараҷаҳои илмӣ диссертатсия бори дигар дар иртибот ба нишондоди «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 22.01.2022, №6 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудааст.

Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳо Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи мазкурро бо ширкати муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи милли Тоҷикистон Саидзода Ҳ.А. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Шарифова А.Ш. баррасӣ ва муҳокима намуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар шароити кунунӣ ба таҳқиқоту таҳлилҳои ҳамаҷониба ниёз доранд. Охирҳои асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комил ба даст оварда, бо кишварҳои олам муносибатҳои гуногунҷанба, аз ҷумла дар соҳаи сиёсату иқтисод, фарҳангу иҷтимоиёт ва ғайра робита барқарор намуд, ки тамоми фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷонибаи он таъминоти забониро тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир – Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ) бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуъ** дар он зоҳир мегардад, ки забоншиносони муосир бо омӯзиши роҳҳои калимасозӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Аҳамияти мавзуъ, таҳқиқи усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ, махсусиятҳои истифодабарӣ ва тағйир ёфтани онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда кушоду равшан возеҳ менамояд. Чунин таҳқиқот дар заминаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Лекин таҳлили муфассали таркиби луғавии забони англисӣ то ҳол бо забони тоҷикӣ ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Диссертатсияи мазкур як нигоҳи дигар вобаста ба омӯзиши калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, омӯхтани он барои боз ҳам беҳтару мувофиқтар шинохтан ва баррасӣ намудани вижагиҳои ҳамсон ва фарқкунандаи ин ду забон мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” иртибот дошта, масоили ҳифз ва гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва пажӯҳиши он дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва маънавиёт яке аз вазифаҳои муҳими илми тоҷик ба шумор меравад.

**Мақсади** асосии таҳқиқи диссертатсионӣ таҳлилу баррасии вижагиҳои калимасозӣ, ҳамчунин, омӯзиши роҳу усулҳои сарфию наҳвии калимасозӣ ҳамчун воситаи асосии бойгардониии фонди луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Татбиқи мақсади мазкур бо роҳи

ҳалли як қатор масъалаҳои имконпазир ва иҷрои **вазифаҳои** зерин сурат гирифтааст:

- мушаххас кардани мафҳуми калима ва калимасозӣ;
- нишон додани усулҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҳқиқу баррасии роҳҳои афзуншавии захираи фонди луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- мушаххас намудани нақши калимасозӣ дар робита ба ғанигардонии захираи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- гурӯҳбандии усулҳои калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- нишон додани усулҳои сарфии калимасозӣ бо мисолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- нишон додани усулҳои наҳвии калимасозӣ бо мисолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

**Навоварии илмии таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бар мабнои маводи асарҳои бадеӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Усулҳои калимасозии сарфӣ бо ёрии вандҳои калимасоз, калимасозии наҳвӣ ва калимаҳои мураккаб, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Нақши пешванду пасванд дар сохтани калимаҳо ва қолабҳои нави вожасозӣ мушаххас карда мешавад. Андешаҳои гуногуни олимони забоншинос оид ба масъалаи усулҳои сарфию наҳвии вожасозӣ, мавқеи истифодабарӣ ва фарқияти нишон дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавзӯи калимасозиро дар доираи илми забоншиносии муқоисавӣ, дар маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар ин самт то ба андозае муваффақ шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 10 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

[1-М] Ҳамроев, О.А. Роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ ва ташаккули он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2018. № 5-1 (77). - С. 102-105. ISSN 2219-5408

[2-М] Ҳамроев, О.А. Роҳҳои сермаҳсули вандафзоӣ (аффикастсия) дар забони англисии муосир / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2018. № 5-2 (77). - С. 116-118. ISSN 2219-5408

[3-М] Ҳамроев, О.А. Конверсия ҳамчун як навъи калимасозӣ дар забони англисии муосир / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2019. № 1. - С. 109-112. ISSN 2413-516X

[4-М] Ҷаматов С.С., Ҳамроев О.А. Ихтисоршавӣ ҳамчун усули калимасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / С.С. Ҷаматов, О.А. Ҳамроев. // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе: - 2021. № 4 (44). - С. 24-29. ISSN 2226-9355

**Б) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М] Ҳамроев, О.А. Роҳҳои калимасозии аффиксатсия ва конверсия дар забони англисӣ / О.А. Ҳамроев // Масъалаҳои мубрами филология (Маҷмуаи мақолаҳои аспирантон, докторантон ва магистрантон), Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе. - 2017. Силсилаи 5. - С. 39-41.

[6-М] Ҳамроев, О.А., Саидова, Д. Хабар ва намудҳои он дар забони англисӣ / О.А. Ҳамроев, Д. Саидова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе. - 2017. № 1 (25). - С. 49-52.

[7-М] Ҳамроев, О.А. Сифат дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе. - 2017. № 2-3 (26-27).- С. 24-32.

[8-М] Ҳамроев, О.А., Аминов, Ф.С. Падежи исмҳо дар забони англисӣ / О.А. Ҳамроев, Ф.С. Аминов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе. - 2018. № 1 (29). - С. 10-16.

[9-М] Ҳамроев О.А. Субстантиватсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замонӣ муосир. (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ), Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе. – 2019. – С. 321-323.

[10-М] Ҳамроев, О.А., Маликов, Б.Х. Усули калимасозии вербализатсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / О.А. Ҳамроев, Б.Х. Маликов // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ) Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – Душанбе. - 2021. – С. 114-120.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳқиқоти илмии бааанҷомрасида ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 23 апрели соли 2022 қабул гардидааст.

Дар маҷлис 19 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 19 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Суратҷаласаи №9 аз 23 апрели соли 2022.

Раиси Шурои олимони факултети забони англисӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент: Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Муқарризон:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Саидзода Ҳалим Азиз

номзади илмҳои филологӣ дотсенти кафедраи филологияи англисӣ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода: Шарифова Адолатхон Шарифовна

Котиби Шурои олимони факултет, номзади илмҳои филологӣ, дотсент: Султонзода Миҷгона

Имзоҳои З.М. Мусоямов, Ҳ.А.Саидзода, А.Ш. Шарифова ва М. Султонзода-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj
E-mail : ddzt@ddzt.tj